

Ҳамкории Швейтсария дар Тоҷикистон

# Маълумоти мухтасар


## Суроғаи мо

Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон
Кӯчаи Л. Толстой 3, ш.Душанбе, Тоҷикистон
Тел : +992 44 600 54 00/55
e-mail: dushanbe@eda.admin.ch
https://www.eda.admin.ch/tajikistan


Акс © Суръат Тоймастов

## Оғози ҳамкорӣ

Равобити дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Швейтсария соли 1992 барқарор гардида, дар соли 1993 Швейтсария дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандӣ ба Тоҷикистон кумакҳои башардӯстона расонид. Дар с.1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Институтҳои Бреттон Вудс (Бонки Ҷаҳонӣ ва Хазинаи Асъори Байналмилалӣ) ба гурӯҳи Швейтсария шомил шуд. Соли 1999 ифтитоҳи расмии кушодашавии Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон дар пойтахт баргузор гардид, ва аз ин давра шуруъ карда, аз кӯмаки башардӯстона ба ҳамкориҳои рушд гузашт. Имрӯз Швейтсария ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноил шудан ба дигаргуниҳои осоиштаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва сохтани системаи, ки ба ниёзҳои аҳолӣ ҷавобгӯ бошад, кӯмак менамояд.

## Намояндагӣ

Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон намояндаи Ҳукумати Швейтсария дар Тоҷикистон мебошад, ва ҳамкориҳои байналмилалиро тавассути Агентии Швейтсария оид ба Рушд ва Ҳамкории (SDC) Вазорати корҳои хориҷӣ (FDFA), ва Котиботи давлатии оид ба масъалаҳои иқтисодии (SECO)- Департаменти федералии корҳои иқтисодӣ, маориф ва тадқиқот (FDEAER)таъмин менамояд.

Шарикони байналмилалии Швейтсария дар Тоҷикистон: Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, БРСММ, Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн, Шабакаи Оғохон оид ба Рушд (AKDN), Каритас, “Ширкати Помир Энерҷӣ” Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ва дигарон.





## Бахшҳои ҳамкорӣ ва фаъолият

### 1)Инфрасохтор, об ва тағирёбии иқлим

Идоракунии ҳамгирошудаи об яке аз ҷабҳаҳои асосии фаъолияти Швейтсария дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Дар сатҳи маҳаллӣ ин имконияти идораи инфрасохтори об аз тарафи истифодабарандогон мебошад. Швейтсария ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҳаматарафаи худро барои таҳияи сиёсати таъмини ҳамгироии ниёзҳои аҳолӣ ба чаҳорчӯби қонунӣ ва меъёрӣ, пешниҳод менамояд . Швейтсария инчунин кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои беҳтар намудани дастрасӣ ба оби ошомиданӣ дар деҳот ва шаҳрҳо дастгирӣ менамояд. Бо мақсади ҳифзи ин инфрасохтори гаронарзиш аз офатҳои табиӣ, аз қабили обхезӣ, ярч ва заминларза, тадбирҳои махсуси муҳофизатӣ ва камгардонии зарари офатҳои табиӣ амалӣ карда мешаванд.

### 2) Идоракунии босифат, ҳуқуқи инсон ва расонидани хидмат

Риояи принсипҳои идоракунии босифат ва самаранок расонидани хизматрасониҳои давлатӣ -нишондиҳандаҳои асосии ҷомеаи демократӣ мебошанд. Швейтсария талошҳои Тоҷикистонро барои муосирнамудани хадамоти давлатӣ, ки ба мардуми Тоҷикистон фарогир ва дастрас бояд бошад, дастгирӣ мекунад. Ҳадафи дастгирии Швейтсария инчунин такмили идоракунии хизматрасониҳои давлатӣ ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ, баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳии таъминкунандагони хадамоти давлатӣ, ва аз байн бурдани тамоми шаклҳои табъиз мебошад.

### 3) Рушди фарогир ва устувори иқтисодӣ

Барои мусоидат ба афзоиши ҷойҳои корӣ ва рушди иқтисодӣ, Швейтсария рушди минбаъдаи сектори хусусиро дастгирӣ мекунад. Вазифаи мазкур дар доираи афзалиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва бо иштироки соҳибкорони хурду миёнаи рақобатпазир амалӣ карда мешавад. Ҳадаф - ноил шудан ба рушди фарогир ва устувори иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои кории муносиб ва дар ниҳоят мусоидат ба коҳиши камбизоатӣ мебошад.

## Фаъолитяҳои иловагӣ

Швейтсария ташаббусҳои бахши санъат ва фарҳанги маҳаллиро дар Тоҷикистон дастгирӣ мекунад. Фаъолияти мазкур ҳам ба гуногунрангии фарҳангӣ мусоидат мекунад ва ҳам арзишҳои муштаракро намоиш медиҳад. Инчунин ҳамчун роҳи дигари кӯмак ба таъсиси ҷомеаҳои осоишта, фарогир ва демократӣ ҳисобида мешавад.

Дар тамоми фаъоилтяҳои Швейтсария дар Тоҷикистон чунин мавзӯъҳои гуногунҷабҳа ба монанди «гендер ва идоракунӣ», инчунин принсипи иштироки «ҳеҷ касро дар канор нагузоред» ба назар гирифта мешаванд.

## Дастовардҳои асосӣ:

- 840000 сокини Тоҷикистон ба хизматҳои дастраси обтаъминкунӣ ва беҳдошт дастрасӣ доранд.
- Мардуми Тоҷикистон аз коҳиши хатари офатҳои табиӣ ва мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим баҳра мебаранд.
- 90% сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон рақамӣ шудаанд.
- Таъмини боэътимоди нерӯ ва хизматрасонии шаффоф барои 216,000 нафар сокинони ВМКБ дастрас мебошад.
- Кодекси нави андоз таҳия ва қабул гардид

## Саҳми молиявӣ барои солҳои 2022-2025




- 1992 - Таҳлили равобити дипломатӣ
- 1993 -Кӯмаки башардустонаи Швейтсария ба Тоҷикистон
- 1993 -Тоҷикистон аъзои Институти Бретон Вудс гардид
- 1999- Кушодашаваи Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар пойтахт
- 2005- Имзои Созишнома дар бораи ҳамкорӣ оиди ҳолатҳои фавқулодда
- 2008 - Сафири Швейтсария дар Қазоқистон масъули Тоҷикистон шуд
- 2011 - Тоҷикистон дар Швейтсария сафири муътамад дорад
- 2013 - Тоҷикистон узви Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат шуд
- 2019 - Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ оиди тағирёбии иқлим ва банақшагирии устувор
- 2022- 30 соли равобити дипломатӣ байни Швейтсария ва Тоҷикистон